**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих). Душанбе, 2022.**

Диссертатсияи Обидов Рустам Ҳошимович ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили маводи ҳуҷҷатии хазинаи Бойгонии минтақавии Ҳисор бахшида шуда, муҳаққиқ бори нахуст шуда, дар таърихнигории ватанӣ масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Бойгонӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сохтори давлатӣ буда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқро ифода менамояд. Ҳар як ҳуҷҷати дар он маҳфузбуда, паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро таҷассум мекунад. Дар ҳамин асос таҳқиқи таърих ва такомули Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикстон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор - ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Пойгоҳи асосии таҳқиқоти мазкурро ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ташкил дода, диссертант онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи аввал ҳуҷҷатҳои Бойгонии маркази Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба гурӯҳи дуюм ҳуҷчатҳои хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ворид гардидаанд.

Объекти таҳқиқот ҳуҷҷатҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳамчун сарчашмаи омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Предмети таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро раванди таҳлили таркиби ганҷинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, гурӯҳбандии онҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, таърихи пайдоиши бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Ҳисор, муайянсозии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ роҷеъ ба таърихи шаҳри Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав,Турсунзода, Алмосӣ ва Пахтаобод ташкил медиҳад.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ мавзӯи диссертация ҳамчун объекти маҷмӯии таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд.

Саҳми шахсии диссертант дар он зоҳир мегардад, ки довталаб ба доираи таҳқиқотҳои илмӣ ҳуҷчатҳои пурарзиши бойгониро на танҳо роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии Ҳисор, инчунин роҷеъ ба ноҳияҳои ҳамҷавори Шаҳринаву Турсунзода ва собиқ ноҳияҳои Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ворид намудааст. Ҳамчунин Рӯйхати хазинаҳои дар Филиал, Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Ҳисор мавҷудбударо тартиб дода, ба шакли “Роҳнамо” чоп кардааст.

Ҳамин тавр, рисолаи мазкур мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Автореферат диссертатсияи низ мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ, 4 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 кори илмию таълимиро дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи « Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали Бойгонии

марказии дар шаҳри Ҳисор)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он на аз рӯи 07.00.02 – Таърихи ватан, балки тибқи 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ омода гардида, номи рисола иваз гардида «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон » номгузори карда шавад. Рисола ба бандҳои 10; 11; 12 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» комилан ҷавобгӯ буда, пешниҳод менамоем, ки ба муаллифи он – Обидов Рустам Ҳошимович– сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ дода шавад.

**Мудири кафедраи таърихи умумӣ**
**ва муносибатҳои байналхалқии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 934162099; E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

«_04_»_майи_ **2022 с.** **Мустафозода Абдукарим**